**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН**
**ба номи АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО**

**Бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино**
**«___»_____________ с. 20____ № _____**
**тасдиқ шудааст.**
**Ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино д.и.т., профессор**
**______________________ У. А. Қурбонов**

# НИЗОМНОМАИ
# СОМОНАИ ДДТТ БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

**www.tajmedun.tj**

**Душанбе -2013**

## 1. МУҚАРРОТИ УМУМӢ

Муқаррароти умумӣ шартҳои муҳокима ва сохтори маводҳои хабарие, ки дар веб-сайти расмии иттилоотии Муассиссаи давлатии таълимии маълумоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» ҷойгир карда шудааст, муайян мекунад (минбаъд ДДТТ), ҳамчунин технологияи созандагӣ, амалигардонӣ ва фаъолнокии онҳоро ба низом медарорад.

Веб-сайт дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ойинномаи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Низомномаи Шӯъбаи таҳлил, назорат ва робита бо ҷомеа, Низомномаи мазкур ва фармону супоришҳои  Ректор ба танзим дароварда ва  амалӣ мешавад.

Бо қарори Шӯрои олимони донишгоҳ Низомнома қабул ва бо фармони ректор  амалӣ карда мешавад.

Ҳар шахсе, ки имкони дастрасӣ бо  Интеренет дорад, метавонад аз истифодабарони веб-сайт бошад.

Веб – сайти иттилоотии расмии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино (минбаъд – веб - сайт) барои муаррифии сатҳу манофеи донишгоҳ дар сетҳои глобалии Интернет, дастрасии истифодабарандагони Интернет ба захираҳои иттилоотии донишгоҳ, бо мақсади рушди муносибатҳои илмӣ-методӣ, тиббӣ-ташхисӣ, ки имкони эҷоди  шароити таълимӣ ва тиббӣ, ба роҳ мондани мукотиботи инфиродӣ, ҳамчунин таъмини равобити муфид миёни  ҷузъҳои сохтории донишгоҳ, дарёфти  иттилооти изофӣ ва хоси кормандон ва таълимгирандагонро дорад, муқаррар  карда шудааст.

Веб – сайт чунин вазифаҳоро дорост:

- инъикоси комили фаъолияти мусбии донишгоҳ;
- додани маълумоти айёниву амалӣ оид ба муҳимтарин руйдодҳо дар донишгоҳ;
- рушди фаъолияти меҳнатии кормандон ва донишҷӯён;
- инкишофи ҳамкории илмӣ, таълимӣ ва муоликавӣ-ташхисӣ бо мактабҳои олӣ, клиникаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷии дуру наздик;
- мубодилаи иттилоот байни ҷузъҳои сохтории донишгоҳ, огоҳ кардани муаллимон, донишҷӯён, кормандони донишгоҳ бо қарори роҳбарият ва рӯйдодҳои баамаломада;
- таъмини донишгоҳ бо фанноварихои ҷадиди иттилоотиву техникӣ.

**1.2.** Суроғаи веб –сайти расмии донишгоҳ дар шабакаи Интернет www.tajmedun.tj **аст.**

## 2. СОХТОРИ ВЕБ-САЙТ

2.1. Дар сохтори веб-сайт бастҳои вазифавии мазкур ташкил карда мешавад:

1. Администратор
2. Муҳарири масъул
3. Веб-ороишгар

Кормандони Веб-сайт  тибқи дастури вазифавӣ амал  мекунанд.

## 3. ТАШКИЛИ ВЕБ – САЙТ

3.1. Веб –сайт ба манзури расонидани иттилооти расмӣ ва амалиётии ба самти фаъолияти донишгоҳ равонашуда, ахбори дақиқ бо истинод ба ин сарчашмаи хабарӣ ва дигар воҳидҳои сайтии мавриди алоқаи корбарони донишгоҳ,тарроҳӣ шудааст.

3.2. Ҳамоҳангсози барномаҳои итилоотии веб-сайт бо фармони ректор таъин мегардад.

3.3. Ба хотири инкишофи сайт ва назорату танзими кори афроди масъул, ки иттилооти дастрасшударо комил намуда, дар анҷоми корҳои барномавӣ-техникӣ ширкат мекунанд, дар назди шӯъбаи таҳлил, назорат ва робита бо ҷомеа Шӯрои ҳамоҳангсозӣ таъсис додаву ба роҳ монда мешавад.

3.4. Масъулиятҳои асосии ҳамоҳангсози барномаҳои иттилоотии веб-сайти расмӣ:

- нигоҳдории стратегия ва сохтори пешниҳоди иттилоот;
- ҳамоҳангии воҳидҳои гурӯҳ дар масоили такмили мӯҳтавои иттилоотии веб-сайт.

3.5. Муовинони ректор аз роҳбарони хоси веб-сайт дар самти фаъолияти ҷузъи сохтории донишгоҳ ба ҳисоб рафта, бо муқаррароти худ аз фаъолияти масъулони воҳидҳои гурӯҳӣ дар веб-сайти расмӣ ҳимоя мекунанд.

3.6. Бахши гурӯҳӣ барои инъикоси комил ва муфассали ҳаёт ва фаъолияти ин қисм пешбинӣ шудааст.

Кормандони масъул муваззафанд ба :

- Гирдоварӣ ва таҳияи иттилоот дар зербахши сохторӣ ва ҷой кардани он бар рӯи веб-сайт;
- Ҷамъоварии сареъи иттилоот дар самти фаъолияти воҳидҳои сохтории он ва ирсол барои ғунҷоиш дар веб-сайт.

Анҷоми ин вазоифи марбута ба ӯҳдаи мутахассиси масъул аст.

3.7. Маълумоти гурӯҳ дар сайти расмии донишгоҳ мутобиқ ба стандарт ва тарҳи ягона ироа мешавад ва бо роҳи визаронӣ таъйид мегардад. Нусхаи матнии иттилоот бояд дар шӯъбаи таҳлил, назорат ва робита бо ҷомеа нигоҳдорӣ ва дар журнали воридотӣ дар сайти иттилоотӣ қайд карда шавад.

3.8. Шакли пешниҳоди иттилоот дар веб-сайт бо дархост ва мавод дар шакли хаттӣ, ҳамчунин бо варианти электронӣ дар ҳадди муқарраргардида фиристонда мешавад.

3.9.Масъулияти корҳои фаннӣ-техникии веб-сайт тавассути веб – ороишгари сайт роҳандозӣ мегардад.

Ӯҳдадориҳои асосии ороишгар веб-сайт:

- таъмини техникии веб-сайт;
- нусхабардории эҳтиётии иттилоот;
- ҳисобдорӣ ва гузориши аснод;
- интишори бамавқеи иттилооти пешниҳодшуда дар веб-сайт (барои маълумот бо нишонаи «таъҷилӣ» - дар муддати 1 рӯз, иттилооти муқаррарӣ – дар муддати 5 рӯз).

## 4. ЗАХИРАҲОИ ИТТИЛООТИИ ВЕБ САЙТ

4.1. Захираи иттилооти веб-сайт ба манзури бозтоби мухталифи фаъолияти ҳамаи ҷузъҳои сохтории донишгоҳ, устодон, кормандон, аспирантон ва донишҷӯёни он ташкил шудааст.

4.2. Ҳаққи истифода аз маводҳои иттилоотӣ дар веб-сайт мутааллиқ ба ДДТТ аст, ба шарте ки тавассути асноди ҳуқуқӣ танзим нашуда бошад.

4.3. Дастрасӣ ба манбаъҳои иттилоотии веб-сайт интихобист:

- Манобеи дастраси умум (Интернет - захираҳо)
- датраси дохилӣ (Интернет-захираҳо)
- манобеи дастрасии рамзӣ (бо рамз)

4.4. Ҷузъҳои асосии манбаи иттилоотии веб-сайт:

- маълумоти умумӣ оид ба ДДТТ;
- маводҳои роҳнамоӣ ба барномаҳои омӯзишӣ;
- маводҳо оид ба фаъолияти илмии донишгоҳ;
- маводҳо оид ба муносибатҳои байналмилалии донишгоҳ;
- маводҳо дар фаъолияти ташхисӣ -тиббии донишгоҳ;
- феҳрасти электронии захираҳои китобхона;
- интихоби маводҳои тематикӣ оид ба мушахассоти фаъолияти донишгоҳ, деканатҳо, кафедраҳо, марказҳо ва дигар ҷузъҳои ДДТТ;
- маводҳо оид ба ҳайати кормандон – роҳбарон, муаллимон, ҳамкорон, хатмкунандагони донишгоҳ;
- маводҳо оид ба рӯйдодҳои феълии донишгоҳ,мушорикат дар чорабиниҳо,архив ва ахбор.

4.5. Ҷой кардани иттилоотии таблиғотӣ-тиҷорӣ, ҳамчунин тарғиби фаъолиятҳои хеш дар сайт бо мақсади ба даст овардани суд танҳо бо розигии ректор ба роҳ монда шуда ва тибқи қонунгузории ҶТ ва Ойинномаи донишгоҳ ба танзим дароварда мешавад.

4.6. Манобеи иттилоотии донишгоҳро, ки бо ибтикори воҳидҳо, гурӯҳи эҷодии кормандон ва донишҷӯёни фаъол дар сайтҳои ҷудогона ва серверҳо ташкил шудааст, метавон аз веб-сайти расмӣ дастрас намуд. Тасмими дастрасӣ ва истинод ба сайтро ректор бо пешниҳоди ҳамоҳангсози мӯҳтавои веб-сайти иттилоотии расмии донишгоҳ мегирад.

4.7. Ба матолиби мунташиршуда дар сомона иҷоза дода намешавад:

- вожаҳои ғайри меъёрӣ;

-маълумоте, ки шаъну шараф, исму манзалати фард ва шаҳрвандро коста месозад;

- маълумоте, ки барои барангехтани ихтилофи байни миллатҳо ва мазҳабҳо равона шудааст;

- дигар иттилооте, ки ҷой додани онҳо ба ҳар васила мухолиф ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буда ,онро нақз мекунад.

## 5. Тартиботи тасдиқ ва тағйирот даровардан ба Низомнома

5.1. Дар Низомномаи мазкур бо мувофиқаи роҳбарият тағйиру иловаҳои иттилоотӣ ворид карда мешавад.

5.2. Ҳамчунин ворид кардани тағйиру илова ба Низомномаи мазкурро ректори донишгоҳ тасдиқ мекунад.

**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори ДДТТ ба номи**
**Абӯалӣ ибни Сино**
**д.и.т., профессор**
**Қурбонов У.А.**

**Дастури вазифавии ороишгари сайт (муҳаррири сомона)**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1.Ороишгари сайт ба категорияи мутахассисон дохил мешавад.
1.2. Ороишгари сайт бо фармони ректори донишгоҳ ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад.
1.3. Ороишгари сайт дар тобеияти сардори Шӯъбаи таҳлил назорат ва робита бо ҷомеа фаъолият менамояд.
1.4. Дар вақти ҳозир набудани ороишгари сайт иҷроиши вазифа ва уҳдадориҳои ӯро мутахассиси дигар, ки бо фармони роҳбари муассиса таъин шудааст, иҷро менамояд
1.5. Ба вазифаи ороишгари сайт шахсе таъин карда мешавад, ки на кам аз 2 (ду) сол собиқаи кориро дар вазифаи ишғолнамудааш дорад.

**Ороишгари сайт бояд донад:**
-фармон, дастур, қарор ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ки кори контент-менеҷерро ба танзим медарорад;
- тавсифи техникӣ-истифодабарӣ, хусусиятҳои асоснок, таъин ва реҷаи кори таҷҳизот, қоидаҳои истифодабарии техникии он;
- хусусият ва мавзӯи сайт, мақсад ва вазифаи он;
- асосҳои ташаккул бо истифодаи HTML, истифодабарандаи ботаҷрибаи ПК ва интернет будан;
- идоракунии контент бо ёрии XML;
- дигар WEB-технология (бо ёрии мавзӯъ ва сохти сайт);
- намудҳои итилооти техникӣ;
Таҷрибаи пешакӣ ва ватании барномасозӣ ва истифодабарии техникаи ҳисоббарор;
-меъёрҳои ахлоқӣ ва дигар рафторҳое, ки дар интернет-ҷамъият қабул шудааст;
-қоидаҳои истифодабарии сайт;
- услуб ва грамматикаи забони русӣ, асосҳои ислоҳи мусаҳҳеҳ;
- асосҳои иқтисодиёт, ташкили меҳнат ва идоракунӣ;
- қонунгузорӣ оид ба СМИ, эълон дар бораи хусусиятҳои зеҳнӣ;
- асосҳои қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва ҳифзи меҳнат;
- қоидаҳои тартиботи дохилӣ;
- қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ, беҳдошти истеҳсолӣ ва ҳифзи зидди сӯхтор;
Забони англисӣ дар сатҳи хуб (хондан, тарҷума кардан).

Ороишгари сайтро дар фаъолияти худ роҳбарӣ мекунад:
- актҳои қонунгузории ҶТ;
- низомномаи муассиса, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнат, дигар ҳуқуқҳои меъёриии муассиса;
- фармон ва дастури роҳбарият;
- дастури вазифавии мазкур.

2**. Ӯҳдадориҳои вазифавии ороишгари сайт**

Ороишгари сайт ӯҳдадориҳои вазифавии мазкурро иҷро мекунад

2.1. Пешрафт ва оммафаҳм кардани сайт дар интернет.
2.2. Ғояи асосии сайтро коркард ва нигоҳ медорад, оид ба кори иловагии ғоя ва нигоҳдории сайт, оид ба ҷорикунонии хизматрасонии нав барои муштариёни сайт.
2.3. ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва маводҳои дар сайт нашршударо аз назар мегузаронад, маводҳое, ки ба консепсияи умумӣ ва қоидаҳои истифодабарии сайт мутобиқат намекунад, нобуд ва таҳрир мекунад.
2.4. Риоя намудани муштариёнро барои қоидаҳои истифодабарии сайт, ҳамчунин дигар талаботҳои ҳатмии ба эҷодкунӣ пешбарӣ шудааст, назорат мекунад.
2.5. Барои пур кардани матни сайт бо иттилооти тоза хабардор шуда меистад, барои он:
- бо муаллифони мақолаҳо ва маводҳои дар сайт ҷойгиркардашуда доимо ҳамкорӣ мекунад;
- бо манбаҳои хориҷӣ ва дохилии иттилоот кор мекунад, онро барои дар сайт ҷо ба ҷо кардан интихоб менамояд;
- оид ба батартибандозии фасли сайти минбаъда (қисмҳои сайт), интихоби ном барои онҳо ва муайянкунии хусусияти мукаммалкунии онҳо ва эълони даврии (такроран) иттилоот корҳоро иҷро мекунад;
- манбаъҳои иттилоотро барои ҳар як қисм интихоб мекунад (бо назардошти ғояи интихобшудаи сайт);
- дар таркиб, пуркунӣ, ҷойгиршавӣ ё номи сарлавҳа, қисмҳои сайт тағйирот ворид мекунад;
- қисмҳои дахлдори иттилоотро пур мекунад, эълонро нигоҳ медорад:
-ба намоиши эълони сайт назорат мекунад;
- муалифони хориҷӣ, сиёсати кадриро дар доираи салоҳияти худ ҷустуҷӯ ва интихоб мекунад;
- ҳамаи маводҳоро барои истифодабарӣ дар интернет адабтатсия мекунад (истинод даровардан, ороиш додан, илова намудани имкониятҳои интерактивӣ, сохтани гипертекст ва ғ.).
2.6. Ба риояи тартиботи умумӣ дар майдони иттилоотии сайт барои қулай будани корҳои ҳамаи истифодабарандагон, меъёрҳои ахлоқу одоб ва ғайрае, ки дар интернет қабул шудааст, назорат мебарад.
2.7. Ба муаллифон дар ороиш додани маводҳои нашршаванда ёрӣ мерасонад;

2.8. Оид ба таҳрир ва ислоҳи маводҳо ва батартибандозии онҳо, аз ҷумла, ороиши матнҳо ва ҷадвалҳо корҳоро иҷро мекунад;
2.9. Дар сайт танҳо иттилооти тафтишшуда ва бо муаллиф мувофиқакардашударо ҷойгир мекунад, дар ҳолати зарурӣ ислоҳ ва носаҳеҳиро бартараф мекунад
2.10. Дар ороиши расомии иттилооти дар сайт ҷойгиршаванда мувофиқи веб-мастер иштирок мекунад;
2.11. Эҳтиёҷот ва дархостҳои муштариёни сайтро таҳқиқ мекунад.
2.12. Кори рақобат, яъне сайтҳо ба монанди мавзӯҳо, фикри асосӣ ва таркибҳоро иҷро мекунад;
2.13. Иттилооти аз муштариёни сайт ба даст овардаро таҳлил мекунад ва бо назардошти имкониятҳои техникӣ ва дар асоси иттилооти ба даст оварда хизматгузории нав, баланд бардоштани самаранокии сайтро ба муштариён коркард ва ҷорӣ мекунад.
2.14. Бо назардошти ҷараёни инкишофи хоҷагидорӣ дар кори сайт тағйирот ворид месозад: номи сарлавҳа, мукаммалкунии онҳо, ҷойгиркунӣ, эълони даврӣ ё ҳаҷми маводҳои гуногунро вобаста аз фаъолнокии онҳо иваз мекунад.
2.15. Оид ба тағйиротҳои дар сохтори сайт воридкардашуда, сабабҳои тағйирот ва мақсади онҳо ҳисоботи ҳармоҳа тартиб медиҳад.
2.16. Тағйиротҳои гузашта (чи қадаре, ки илова карда шуд) ва риояи мӯҳлати онҳоро як моҳ пас ба ҳисоб гирифта, оид ба риоя накардани онҳо ҳисобот тартиб медиҳад.

## 2. Ҳуқуқҳои ороишгари сайт

**Ороишгари сайт ҳуқуқ дорад:**

3.1. Бо лоиҳаи қарори роҳбарияти сайте, ки ба фаъолияти ӯ тааллуқ дорад, шинос шудан.
3.2. Оид ба мукаммалгардонии корҳое, ки ба ӯҳдадориҳои дастури вазифавии мазкур алоқаманд аст, пешниҳод ирсол намудан.
3.3. Оид ба ҳамаи камбудиҳое, ки дар ҷараёни иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавии худ дар кори сайт зоҳир гаштааст, ба роҳбари бевосита хабар расондан ва доир ба бартарафсозии онҳо пешниҳод ворид намудан.
3.4. Шахсан ё бо супориши роҳбари бевосита аз роҳбарони шӯъбаҳо ва дигар мутахассисон иттилоот ва ҳуҷҷатҳое, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавӣ заруранд, гирифтан.
3.5. Мутахассисони ҳамаи (алоҳидаи) ҷузъи сохториро барои ҳалли вазифаҳои ба зимаашбуда (агар ин дар низомнома оид ба ҷузъҳои сохторӣ пешбинӣ шуда бошад, дар ҳолати баръакс – бо розигии роҳбари муассиса) ҷалб намудан.
3.6. Барои иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавӣ ва ҳуқуқҳои худ бо роҳбари муассиса ҳамкорӣ намудан.

## 3. Масъулияти ороишгари сайт

Ороишгари сайт масъул аст, ба:

4.1. Бесифат ва сари вақт иҷро накардани дастури ӯҳдадориҳои вазифавӣ - дар доираи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4.2. Зарари моддӣ расондан - дар доираи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4.3. Қонунвайронкунӣ дар ҷараёни фаъолияти худ – дар доираи қонунгузории ҷории маъмурӣ, ҷиноятӣ ва шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4.4. Баён кардани маводҳои фаврӣ, объективӣ ва ҳаматарафае, ки дар қисмҳои сайти ӯ тааллуқ доранд.